# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи унвонҷӯ Мирзоев Ш.С.

Унвонҷӯ соли 2012 факултаи филологияи хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлобро аз рӯи ихтисоси «муаллими забони англисӣ» бо дипломи аъло хатм крадааст. Ҳангоми кор ва фаолият дар ДДК Мирзоев Ш.С худро ҳамчун шахси босавод ва эҷодкор нишон додааст. Дар ҷараёни дарс ҳангоми омӯзонидани забони англисӣ аз методҳо ва технологияи муосир васеъ истифода мебарад. Ҳаминро қайд кардан ҷоиз аст, ки кори диссертатсиониашро ӯ аз рӯзҳои аввали фаъолияташ дар кафедраи методикаи таълими забони англисӣ махсусан дар вақти гузаронидани машғулиятҳои лексионӣ аз фанни забони англисӣ дар асоси омӯзиши технологияи навин, оғоз намудааст, ки дар оянда барои тадқиқотҳои илмии ӯ ҳамчун таҳкурсӣ хизмат кардааст.

Рӯзмарра будани мавзӯи тадқиқоти дисертатсионӣ бо зарурати баланд бардоштани сатҳи омузиши забони англисӣ бо дастгирии технологияи компютерӣ дар синфҳои ибтидоӣ вобаста аст. Дар зинаи таҳсилоти умумии ибтидоӣ зарураяти ҷалб намудани технологияҳои информатсионӣ-комуникатсионӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии таълими забони англисӣ аз омилҳои иқтисодӣ-сотсиологӣ вобастагӣ дорад. Тараққиёти муосири сотсиологӣ-иқтисодӣ ва сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷомеа таъмини тайёр будани насли наврасро ба ҳаёти ҷомеаи информатсионӣ ва чораандешӣ ба проблемаҳои иноватсионии иқтисодиётро талаб мекунад. Асосҳои аввали таҳсил хонанда бояд бо воситаҳои мутобиқшавии ибтидоӣ дар дунёи тарақикардаистода ва дигаргуншаванда таъмин бошад. Аз ҳама муҳимтарин восита ин компютери фардӣ мебошад. Равишҳои нав дар соҳаи мазкур аз лиҳози объективӣ бо истифодаи технологияҳое, ки тибқи анъана ва дар ҳама ҷо ба сифати воситаи асосии баландбардории дараҷаи таҳсилот, такмилдиҳӣ ва мувофиқгардонии низоми маориф, таълим ва тарбия эътироф шудаанд, вобастагӣ доранд. Дар мактаби

ибтидоӣ назарияи таълими забони англисӣ дар марҳалаи аввалияи ташаккулёбии он воқеъ гаштааст ва барои марҳалаи мазкури таълим стратегияҳои мақсаднок ва бо табиат созгори таълими забони англисиро коркард намудан муҳим аст, ки ин аз худи марҳалаи барвақттарин ба қонеъгардонии талаботи мухталифи мактаббачагони хурдсол мусоидат карда, дараҷаи баланди ангезаро барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ, дастгирӣ ва инкишофдиҳии фардияти талабагон нигоҳ медорад. Яке аз васоити ба амал татбиқ намудани талаботи мазкур дастгирии компютерии раванди забони англисӣ аст.

Мирзоев Ш.С дар рафти иҷроиши тадқиқоти дисертатсиони қобилияти мустақилона гузаронидани омӯзиши назаряви ва амалиро хеле хуб нишон дод. Мирзоев Ш.С таъсири технологияи муосирро дар омӯзиши забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ қайд намуд, ки натиҷаи тадқиқот дуруст будани ҳолати назарияviро исбот менамояд.

Ҳангоми иҷроиши кор, унвонҷӯй худро аз ҷиҳатҳои мусби нишон дод. Мирзоев Ш.С худро ҳамчун шахси поквиҷдон, эҷодкор ва тадқиқотчии ҷӯянда муаррифӣ намуд. Тадқиқотҳои амалӣ ва назарявии унвонҷӯй Мирзоев Ш.С аз рӯи проблемаи мазкур дар 15 нашриётҳои илмии худ, аз ҷумла, дар монографияҳо, дастурҳои методӣ-илмӣ, мақолаҳои илмӣ, ки дар маҷаллаҳои илмӣ нашр шудаанд, андешаҳои худро дарҷ намудааст. Баррасиҳои илмӣ-назариявӣ ва корҳои таҷрибавӣ-эксперименталии гузаронидаи муҳақиқ Мирзоев Ш.С дар робита бо истифодаи технологияи компютерӣ зимни омӯзиши забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ бо роҳу усулҳои навин дар 9-мақолаи илмии худ, ки 4-тои онҳо дар нашрияҳои тақризии тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфтаанд.

Дар баробари гузаронидани тадқиқотҳои дисертатсионӣ, ҳангоми кор аз рӯи дисертатсия, ба кори илмӣ бо мақсади баланд бардоштани

маҳорату малакаи педагогӣ ҷалб карда шуд, ки дар ин ҷо низ худро ҳамчун омӯзгори босавод ва эҷодкор нишон дод.

Дар умум унвонҷӯй Мирзоев Ш.С-ро метавон ҳамчун як кадри илмӣ-педагогии омодашуда ҳисобидан мумкин, ки аз ухдаи вазифаҳои ҳалталаб бо сарбаландӣ баромада метавонад ва сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мебошад.

Ҳамчун роҳбари илмии унвонҷӯй, кори дисертатсионии мазкурро пурра ба анҷом расида баҳо дода, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ бо ихтисоси 13.00.02- назария ва методикаи таълим ва тарбия (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) тавсия медиҳам.

Роҳбари илмӣ:
Доктори илмҳои филологӣ,
Корманди шоистаи Тоҷикистон,
Профессори ДДК ба номи А.Рӯдакӣ: Ҷ.Алимӣ

Имзои профессор Ҷ.Алимиро
тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ: Давлатов М.А